**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди**

**Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.00.00- Илмҳои филологӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.04.2024, №__

Барои сазовор донистани Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.00.00 Илмҳои филологӣ (10.02.01 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, таҳти №307 ) 23-юми июни соли 2024, суратмаҷлиси №7 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович 24 августи соли 1995 дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон ба дунё омадааст. Соли 2018 факултети лингвистика ва шабакаҳои телекомуникатсионии Донишгоҳи давлатии Данғараро аз рӯйи ихтисоси "Забони тоҷикӣ. Забони англисӣ" хатм кардааст. Солҳои 2019-2023 ҳамчун унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Данғара ба пажуҳиш машғул будааст.

Мавсуф солҳои 2018-2019 муовини декан оид ба тарбия, солҳои 2019-2021 муовини декан оид ба таълим ва солҳои 2021-2022 мудири кафедра

забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара кор кардааст. Аз январи соли 2022 то имрӯз ба ҳайси муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илмҳои филологӣ, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, дотсент Қурбонмамадов Сомон Хушқадамович.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳомидов Дилмурод Раҷабович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷумъахон Алимӣ, эксперт, доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Шаҳбози Рустамшо, котиби илмии ҷаласа, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забон Сайдалиева Сарварбӣ ва бо имзову муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и

Давлатшоҳи Самарқандӣ» ба талаботи бандҳои 31-37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки мутахассисони бевоситаи соҳаи филология буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос карда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

I. **Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М].** Файзуллоев, А. Мулоҳизае чанд оид ба антропонимияи арабиасли «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. [Матн] / А. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Бахши илмҳои филологӣ.–Душанбе, 2021.№2, 2021. – С. 173-177. ISSN-2413-516X.

**[2-М].** Файзуллоев, А. «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ – муҳимтарин сарчашмаи маърифати адабиёти тоҷик дар асри XV. [Матн] /А. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2021. – №1/4 (92]. – С. 31-33. ISSN: 2663-5534.

**[3-М].** Қурбонмамадов, С., Файзуллоев, А. Мавқеи истифодабарии оронимия ва дронимҳо дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи

Самарқандӣ. [Матн] / Қурбонмамадов С., Файзуллоев А. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. №2. – 2023. – С. 62-67 ISSN-2413-516X.

**[4-М].** Файзуллоев, А. Хусусиятҳои семантикии чанде аз космонимикаи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. / А. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. №7, 2023. – С. 91-95. ISSN-2413-516X.

**[5-М].** Файзуллоев, А. Мавқеи истифодабарии хоронимҳо дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. [Матн] /А. Файзуллоев // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. –Бохтар, 2023.№1/3 (113). – С. 67-71. ISSN: 2663-5534.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[6–М].** Файзуллоев, А. Ифодаи гидронимҳо дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. [Матн] / Қурбонмамадов С., Файзуллоев А., Раҷабова Г.// Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии (III-солона) МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон», бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Данғара, 2022. – С. 411

**[7–М].** Файзуллоев, А. Номи қалъа, қаср, работ ва нигорхонаҳо дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. [Матн] / А. Файзуллоев // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ – фахру мубоҳоти миллат”. – Данғара. – 2023, С. 226-228.

**[8–М].** Файзуллоев, А. Топонимҳои содаи «тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ. [Матн] /А. Файзуллоев // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявӣ дар мавзуи «Усулҳои такмили таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар доираи амалии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (ш. Кӯлоб, 22 декабри соли 2023). –Кӯлоб, 2023. – С. 307-310.

**Ба автореферати диссертатсия муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид гардидаанд:**

1. **Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Гадоев Нурхон мусбат буда, ду эрод дорад:

а) “Ҳангоми таҳлили номвожаҳо агар диссертант ба баъзе ҷиҳатҳои решашиносии номвожаҳои мавриди назараш таваҷҷуҳ мекард, арзиши илми таҳқиқотии ӯ боз ҳам беҳтар мегардид”; б) “Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ ба ҷойи овардани номҳои зиёди муҳаққиқон, консепсияҳои маъруфи таҳқиқоти ономастикӣ тавзеҳ мешуд, арзиши илмии ин бахши муқаддимаи диссертатсия мефзуд”.

2. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Назаров Меҳрубон Ниёзмадович низ мусбат буда, дар он дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид шуда, қайд гардидааст, ки “ҳангоми муаррифии диссертатсия унвонҷӯ баъзе аз фаслу зерфаслҳоро омехта овардааст”. Барои мисол, фасли якуми боби якуми диссертатсия “таснифи топонимҳои асар ва таҳлили лексикӣ-семантикии онҳо” ном гирифта бошад, ҳам шарҳи минбаъда нишон медиҳад, ки ин қисмат фасли дуюми ин боб аст” Инчунин, тавсия гардидааст, ки дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд (с. 10, с. 14, с. 15, с. 17, с. 22).

3. **Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва русии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Ҷалолова Фотима Абдусаломовна муҳиммияти мавзуи таҳқиқ зикр шуда, ба сифати эрод таъкид мегардад, ки “ хулосаи муаллиф дар қисми натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия бояд ба маводҳои чопшуда ишора карда шавад”. Инчунин “масъалаи омӯзиши топонимҳои забони арабӣ ва забонҳои туркӣ дида баромада шудааст, калимаҳои эрониасл ҳам таҳқиқ шудааст, аммо калимаҳои тоҷикӣ дар фасли алоҳида агар дида баромада мешуд, боз ҳам хуб мешуд”.

4. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо

Назаршоев Холиқназарова Сакина Хуҷаназаровна низ мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд:

- муаллифи диссертатсия дар муқаддимаи автореферат дар бораи тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ ва хусусиятҳои ин асар муфассалтар маълумот медиҳад. Чун ин қисмати масъала кайҳо аз ҷониби адабиётшиносони шинохтаи тоҷик таҳқиқ гардидааст, зарурати такрори он зиёдатӣ ба назар мерасад;

- дар қисми "Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ" муаллиф бештар ба масъалаи таърихи омӯзиши илми ономастика диққат дода, дар бораи дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқнамудаи худ чизе намегӯяд;

- баъзе истилоҳоти илмӣ дар автореферат дар ду шакли навишт омадаанд, барои мисол, дромонимҳо-дремонимҳо (саҳ. 20).

Ҳамзамон, ҳамаи муқарризон таъкид месозанд, ки "камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба арзиши илмии диссертатсия халал ворид намесозад".

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- маводи топонимӣ дар асоси пажуҳиши «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ҷамъоварӣ шудааст;
- топонимҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Далватшоҳи Самарқандӣ тасниф ва гурӯҳбандӣ гардидааст;
- шарҳу тавзеҳи маъноию луғавии топонимҳои асар таҳқиқ шудааст;
- қабатҳои забонии топонимҳои дар асар истифодагардида муайяну мушаххас гардидааст;
- накши формантҳо дар сохташавии топонимҳои асар мушаххас шудааст;
- сохту таркиби номвожаҳои асар аз лиҳози забоншиносӣ муайян карда шудааст;

- ҷанбаҳои сохторию таркибӣ ва луғавию семантикии номвожаҳои асари "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи собит карда шудааст;

- ҷойгоҳи тазкираи адабии Давлатшоҳи Самарқандӣ барои омӯзиши илми ономастика ва фарҳанги номгузорӣ таъин карда шудааст;

- гурӯҳҳои асосии луғавӣ-маъноии лексикаи топонимӣ ва ҷойгоҳу мақоми он дар миёни дигар вижагиҳои луғавии топонимияи асари "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ таҳқиқ шудааст;

- таҳлили масъалаҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, этнографӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангии асар сурат гирифтааст;

-гурӯҳҳои муҳимтарини маъноӣ (семантикӣ), қишрҳои забонӣ ва қолибҳои сохтории топонимҳо муқаррар ва муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ замина фароҳам меорад. Диссертатсия дар илми ономастия манбаи нави илмӣ буда, дар шароити Тоҷииксон объекти нави таҳқиқи илмӣ маҳсуб мешавад. Кори диссертатсиониро метавон барои таълифи рисолаҳои илмӣ ҳамчун сурчашма истифода намуд. Натиҷаҳои таҳқиқ барои такмили шинохти вожашиносӣ, муайян кардани мавқеи ҷойномҳо дар асар, татбиқи ҳадафҳои илми ономастика, ташкили курсу семинарҳо ва таҳияи китобҳои дарсӣ мусоидат мекунад.

**Дар раванди таҳқиқи мавзуъ ба таълифоти назарӣ ва амалии донишмандони маъруфи соҳа** А. В. Виноградов, В. В. Бартолд, А. С. Андреев, Э. М. Мурзаев, В. В. Виноградов, О. С. Ахманова, Г. О. Винокур, С. Айнӣ, А. Л. Хромов, А. З. Розенфелд, Р. Х. Додихудоев, Д. Саймуддинов, С. Назарзода, Ш. Исмоилов, Н. Офаридаев, Ҷ. Алимӣ, О. Маҳмадҷонов, Д. Ҳомидов, Р. Шоев, С. Қурбонмамадов, С. Абодуллоева, Д. Майнусов, С. Холиқназарова ва дигарон такя шудааст.

Дар диссертасия аз методҳои таҳлилӣ ва муқоисавӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки бори нахуст масъалаи интихоби мавзуъ, омода намудани фарҳангномаҳои тахассусӣ, фарҳангҳои тафсирӣ, фарҳангҳои номшиносӣ ва дигар масъалаҳо таҳқиқ шудааст.** Маводи кори диссертатсиониро барои таҳияи фарҳангномаҳо, ташкили курсу семинарҳо ва таҳияи китобҳои дарсӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносии хориҷию ватанӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти сарчашмаи таҳқиқ, коркарди натичаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро** таҳқиқи мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назарию метологӣ ва навовариҳои илмӣ таъйид мекунанд. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияи ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд.

**Диссертатсияи** Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллои Рӯдакии АМИТ аз 23-юми апрели соли 2024 дар бораи сазовор донистани Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсиони 12 нафар, аз чумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 –Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 12 нафар иштирок кард. Аз 12 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Шарифзода Ф.Х.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Юсуфов У.А.

23. 04. 2024